«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», д.и.и., профессор
_______________ Қурбонзода М.Р.
«22» ___09___ соли 2024

## ХУЛОСАИ

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», аз 18.09.2024, №2А.

Ба кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Норова Зарина Исломовна дар мавзуи **«Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Норова Зарина Исломовна 07.06.1981 дар ноҳияи Вахш дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусравро хатм намуда, аз соли 2004 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Кӯшониён (Бохтар) ба кор шуруъ мекунад. Аз соли 2013 то соли 2020 дар Гимназияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият намудааст. Солҳои 2022-2024 дар Литсейи хусусии «Эҳсон»-и шаҳри Душанбе ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ фаъолият дошт. Норова Зарина айни ҳол дар кафедраи методикаи таълими ибтидои факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав» фаъолият дорад. Норова З.И. аз таърихи 30.12.2017 унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими ибтидои факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Норова Зарина Исломовна кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи **«Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»** зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ашурова Шаҳло Кулобиевна ба анҷом расонидааст.

**Мақсади таҳқиқот:** Ҳадаф аз таҳқиқи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ ошкор сохтани қонунмандиҳои ҷаҳонбинии муосир дар илми педагогикаи тоҷик, муайян намудани самтҳои инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ, мушаххас намудани заминаҳо ва омилҳои рушд ва ҷаҳонфаҳмии кӯдакон тавассути фолклор аз ҷумла ҳикоя, шеър, афсона, зарбулмасалу мақол ва ғайра, ошкор намудани роҳҳо ва қонунмандиҳои он, ба таври монографӣ баён намудани меъёрҳои педагогӣ ва адабию эстетикии инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар асри XX ва ибтидои асри XXI мебошад. Чунин усули таҳқиқ нишон медиҳад, ки инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи фолклор ошкор ва саҳми бевоситаи ҳар як жанри он дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон муайян мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- дар илми педагогикаи тоҷик таҳқиқоти васеътару муфассал дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ баррасӣ гардид;

- мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим асоснок ва муайян гардид;

- низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим муайян ва пешниҳод карда шуд;

- таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор ва асоснок гардид;

- модели муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон илман асоснок карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Дар баробари ин, дастури таълимии «Масъалаҳои мантиқӣ ва зеҳнӣ» (2022), «Биё, бо ҳам омӯзем» (2023), «Маҷмуаи масъалаҳо аз фанни математика барои синфҳои 1-4» (2023) коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии хонандагон баррасӣ гардидааст.

**Заминаҳои эмперикии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти ҷанбаи эмпирикидошта ба даст оварда шуда, ба шакл даровадра шуд. Адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ таҳлили назариявӣ гардида, пурсиш ва ташхис (саволномаҳои тестӣ, мусоҳиба, санҷиш, пурсиш) гузаронида шуда, натиҷаи он ҷамъбаст карда шуда, мушоҳида (мушоҳидаи мустақим ва ғайримустақим); амсиласозӣ; методи баҳогузории рейтингии фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва методи таҳлили азхудкунии жанрҳои хурди шифоҳӣ таҳлилу баррасӣ гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба:

*банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш);

*банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои

гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, 3 дастури таълимӣ, 15 мақолаи илмӣ, ки 8-тои он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-тои он дар маҷаллаҳои байналмиллалӣ ва 4-тои он дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки инъикоси худро ёфтаанд.

1. **Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

[1-М] Норова З.И. Теоретические аспекты формирования мировосприятия учащихся начальных классов / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав.– 2017. – 1-4(49). – С. 207-209.

[2-М] Норова З.И. Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. №3. – С. 270-273.

[3-М] Норова З.И. Нақши омӯзиши забони модарӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018.– 1/2 (53). – С. 175-179.

[4-М] Норова З.И. Роль учебных предметов в формировании научного мировоззрения учащихся / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. –1-3 (65). – С. 164-166.

[5-М] Норова З.И. Шароити педагогӣ барои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синни хурди мактабӣ дар раванди таълим / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 234-240.

[6-М] Норова З.И. Нақши афсона дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Маҷаллаи илмӣ «Номаи

донишгоҳ» ДДХ бо номи академик Бобоҷон Ғафуров -2021. - №4 (69). – С. 177-184.

[7-М] Норова З.И. Чистон ва аҳамияти он дар омӯзиши эҷодиёти шифоҳӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. –1/4 (104). – С. 126-130.

[8-М] Норова З.И., Ашурова Ш.К. Зарбулмасал ва аҳамияти тарбиявии он / З.И. Норова, Ш.К. Ашурова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон - 2023. - №2 (47). – С. 69-76.

**2. Дар маҷаллаҳои байналмилалӣ**

[9-М] Норова З.И. Теоретический анализ проблемы мировосприятия З.И. Норова // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы современной филологии» Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни. – Душанбе, – 2019. – С. 124-129.

[10-М] Норова З.И. Педагогический смысл и содержание категории «мировосприятие» З.И. Норова // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы современной филологии» Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни. – Душанбе, – 2019. – С.143-148.

[11-М] Норова З.И., Джумаева Қ.Т. Роль семьи в формировании патриотических качеств у детей / З.И. Норова, Қ.Т.Джумаева // Маҷаллаи байналмилалии таълимӣ- таҷрибавӣ. - Алма-ата, Қазоқистон,- 17.12.2022. - С. 96-99.

**3. Мақола ва маводҳое, ки дар дигар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд:**

[12-М] Норова З.И. Роль родителей в воспитании детей. З.И. Норова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ «Занон ва рушди илмӣ муосир» ш. Бохтар 2019. - С.166-169.

[13-М] Норова З.И. Ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши фанни забони модарӣ / З.И. Норова // Конференсияи 6-умини ҷумҳуриявӣ бахшида Рӯзи Модар «Саҳми занон дар рушди илм». – Душанбе, 2019. - С.226-234.

[14-М] Норова З.И., Шукурова Ш.Ҷ. Раванди азхудкунии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова, Ш.Ҷ. Шукурова // Маводи конференсия – 2018. - С.156-161.

[15-М] Норова З.И. Эҷодиёти шифоҳӣ ва таъсири он дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон / З.И. Норова // Конференсияи апрелии ДДЗТ 15. 04. 2022. – С. 234-236.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

**қ а р о р к а р д:**

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Норова Зарина Исломовна дар мавзуи **«Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»** кори илмии мустақилонаи муаллиф, ки ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, бaанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Норова Зарина Исломовна дар мавзуи **«Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»** барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Норова Зарина Исломовна дар мавзуи **«Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»** ба

талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ аст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав», аз 18.09.2024, №2 А қабул гардидааст. Дар ҷаласа 31-нафар иштирок доштанд.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:**
**Тарафдор – 31-нафар;**
**Зид - нест;**
**Бетараф - нест.**

Раиси ҷаласаи васеи кафедраҳои педагогика ва
методикаи таълими ибтидоии
факултети педагогика ва варзиши МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Бобоева Г. Ш.

Котиби ҷаласа, номзади
илмҳои педагогӣ, саромӯзгор Каримова М. М.

Имзои Г.Ш. Бобоева ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Исозода Т.И.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bgu-1978@mail.ru